Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент)**

Дар давраи соҳибистиқлолӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои пайваста ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои обу замин, аз ҷумла бунёду азнавсозии инфрасохтори обрасонӣ, азхудккунии заминҳои нав, беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии заминҳо, дар заминҳои обёришаванда ҷорӣ намудани реҷаи кишти такрории зироатҳо ба амал бароварда шудааст, ки дар натиҷа фаровонии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори истеъмолӣ ва сатҳи таъминоти амнияти озуқаворӣии мардуми кишвар бамаротиб беҳтар гардидааст, вале то ҳанӯз мушкилотҳо дар ин самти муҳими иқтисодиёти кишвар ба назар мерасанд. Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар раванди тағйирёбии иқлим ва гармшавии ҳавои кураи Замин, обшавии босуръати пиряххо, таназзули заминҳои кишоварзӣ, зиёдшавии аҳолӣ, камчин гардидани маҳсулоти озуқаворӣ, истеъмоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза муҳим арзёбӣ мегардад. Диссертант ин муҳиммиятҳоро дарк намуда, дар кораш мубрамияти ин масъалаҳо мавриди барассӣ қарор додааст, ки ҳали ин масъалаҳо такмили механизмҳои экологӣ-иқтисодии идоракунии истифодаи заминҳои кишоварзиро тақозо менамояд. Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаҳои мазкур яке аз вазифаҳои муҳими илми иқтисодиёт дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

Муаллиф қаид мекунад, ки мушкилоти соҳаи иқтисодӣ бо муаммоҳои экологӣ дар самти истифодаи захираҳои табиӣ, нигоҳ доштани агроландшафтҳо ва экосистемаи табиӣ алоқаманд буда, тайи ду даҳсолаи охир, махсусан дар давраи гузаштан ба шароити нави хоҷагидорӣ, ин вазъият боз ҳам печидатару душвор шудааст. Мушкилоти асосӣ дар самти бад шудани ҳолати экологии заминҳо ва зиёд шудани заминҳои таназзулёфта дар нокифоя будани ҳаҷми маблағҳо барои таҷдиди системаҳои обёрӣ ва татбиқи мелиоративӣ, гарон будани арзиши нуриҳои органикӣ ва минералӣ, баланд бардоштани ҳосилхезии заминҳои таъиноти кишоварзӣ, номукаммалии механизми хоҷагидорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, андешидани чорабиниҳои агрокимиёвӣ, экологӣ, мелиоративӣ ва зиддиэрозиявӣ ва маърифати экологии аҳолӣ ба ҳисоб меравад. Ин ва

дигар омилҳои овардашуда боз ҳам аз мубрамият ва зарурияти мавзӯи тадқиқотии интихобнамудаи унвонҷӯ шаҳодат медиҳад.

Шиносоӣ бо мазмун ва натиҷаҳои илмию амалии ба дастовардаи диссертант аз автореферати диссертатсияи тақризшаванда нишон медиҳад, ки муаллиф дорандаи дониши васеи назариявӣ ва амалӣ аст ва вазифаҳои гузоштаи таҳқиқоти илмии мавзуъро дуруст ҳал карда тавонистааст.

Маврид ба зикр аст, ки баробари бартариятҳо дар матни автореферати диссертатсияи Асомуддини Рамазони Каримзода баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд, ба монандӣ:

- дар матни автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва услубӣ вомехӯранд;
- ба манфиати кор мебуд, агар муаллиф дараҷаи осебпазирии экологии минтақаҳои кишоварзии Ҷумҳуриро дар намуди ягон ҷадвал пешниҳод мекард.

Сарфи назар аз эродҳои зикршуда, таҳқиқоти диссертатсионии Асомуддини Р.К. кори илмии анҷомёфта буда, мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ иҷро гардидааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия боэътимод буда, хулосаҳои он асоснок гардидаанд. Дар маҷмуъ, аз рӯйи таҳлили автореферат ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсияи илмии Асомуддини Р.К. дар мавзуи «Такмили механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии захираҳои заминҳои кишоварзӣ (дар маводи Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) ба талаботи санадҳои меъёриву ҳуқуқии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси болозикр мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи менеҷмент ва ташкили сайёҳӣ
Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Наимов Б. Қ.

Имзоҳои Наимов Б. Қ.- ро тасдиқ мекунам,

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзод Ҷ.А.
«20» 05 соли 2024